**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

Мубрамият ва зарурияти таҳқиқот бар меояд, ки имрӯзҳо рушди соҳаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бештар хусусияти гуманистӣ пайдо мекунад, ки ба ин муносибат ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин баробар хуб намудани хизматрасонии тиббӣ ва ёрии тиббӣ дар сиёсати давлатии мамлакатҳои ҷаҳон аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Барои таъмини рушди босуръати иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ ҳифз ва нигаҳдории солимии аҳолӣ дар кишвар бояд системаи суғуртаи тиббӣ таҷдиди назар карда шавад. Мушкилоти такмили суғуртаи тиббӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ имрӯзҳо дар мадди назари ҳам давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва ҳам давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон қарор дорад, ки яке аз вазифаҳои муҳими дақиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз 3 боб ва 9 зербоб иборат буда, дар он мақсад ва вазифаҳои рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Муқаддимаи кор ба талаботҳои навишти диссертатсия ҷавобгӯ буда, дар он мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, объекти таҳқиқотро, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот ба таври васеъ оварда шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот Ибодов Нуралӣ Ҳасанович 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расидааст, ки дар онҳо муҳтавои мавзуъи диссертатсия хуб дарҷ ёфтааст.

Дар боби 1 диссертатсия "Асосҳои илмӣ-назариявии суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ" оварда шуда, моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтор ва вазифаҳои суғуртаи тиббӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, механизмҳои молиявии суғуртаи тиббӣ ва равишҳои назариявӣ ба сохтори ташкилии онҳо оварда шудааст.

Дар боби 2 диссертатсия "Ҳолати муосир ва раванди низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон" дида баромада шуда, таҳлили вазъи муосири соҳаи тандурустӣ ва маблағгузории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

гузаронида шуда, бозори суғурати тиббӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта шудааст.

Дар боби 3 диссертатсия “Самтҳои афзалиятноки рушди шаклҳои ташаккул ва маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар асоси татбиқи суғуртаи тиббӣ” мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, роҳҳои ташаккул ва рушди механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини молиявии суғуртаи тиббӣ пешниҳод карда шуда, самтҳои мукаммалгардонии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити муосир пешниҳод карда шудааст, ки барои рушди ин бозор кумак хоҳад кард.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаи асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Диссертатсияи Ибодов Нуралӣ Ҳасанович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ” дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ ва амалӣ омода карда шуда, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосир ва рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ кумак хоҳад кард.

Хулоса, диссертатсияи Ибодов Нуралӣ Ҳасанович дар мавзуи “Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани нисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050900 (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст барои муҳокима пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Султонов З.С.**

**Имзои Султонов З.С.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

21.11.2024